**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Шодиева Фархунда Тоҷиддиновна дар мавзуи «Таҳлили мавзуии гузингӯяҳо ва андешаҳои завқӣ-назарии Аҳмади Шомлу» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.03 – Адабиёти кишварҳои хориҷии Аврупо, Осиё, Африқо, сокинони бумии Амрико ва Австралия (адабиёти форсӣ).**

Аҳмади Шомлу яке аз поягузорони шеъри сапед ва намояндаи барҷастаи шеъри мансур аст, ки бо ҳунари шоирии худ тавонист яке аз шоирони номвари адабиёти муосири Эрон гардад.

Шеъри Шомлу на танҳо зебоии забон, балки василаи ибрози андеша ва ангезиши иҷтимоист. Ӯ бо шеърҳои худ бар зидди бедодгариҳо ва зулм мубориза мебарад. Шеъри ӯ неруи иҷтимоӣ дорад ва на танҳо эҳсосот, балки ҷаҳонбиниро ҳам ифода мекунад.

Яке аз навоварии муҳими ӯ шикастани қолаб ва рӯ овардан ба шеъри сафед аст. Ӯ ба мисли Нимо Юшиҷ бар ин назар буд, ки шеър бояд мувофиқи ниёзи замон ва эҳсоси инсонӣ бошад, на пойбанд ба вазн ва қофияҳои суннатӣ.

Гузингӯяҳо (интихоби шеърҳо ё порчаҳо аз осори гуногун) воситаи баёни андешаҳои иҷтимоӣ ва фалсафии ӯст. Дар ин гузингӯяҳо мавзуъҳои зерин бештар дида мешаванд. Шомлу ба озодии инсон ва баробарӣ аҳаммияти зиёд медод. Ӯ бар зидди ноадолатиҳо шеър менавишт. Муҳаббат дар ашъори ӯ на танҳо муносибати ошиқона, балки эҳсоси умумии башардӯстӣ ва ҳамдардӣ бо одамон аст. Яке аз мавзуъҳои доимии Шомлу танқиди сохторҳои саркӯбгар ва ноодилонаи сиёсист. Шеъри ӯ на танҳо эҳсосот, балки андешаҳои амиқи фалсафӣ дар бораи зиндагӣ, марг, тақдир ва инсон дорад.

Ҳар боби диссертатсия аз муқаддимаи назарӣ ибтидо гирифта, диссертант ба ин восита аз рӯи ҳар боб- мавзуи таҳқикро, мавриди таҳлилу баррасии қарор дода, бо ин усул заминаи диссертатсияи хешро муқаррар

месозад. Муҳаққиқ аз як равиши ба худ хос ба ин мавзуъ назар афканда ва ба жарфои мавзуи мавриди баҳс фурӯ рафта, онро мӯшикофонаву борикбинона ба риштаи пажуҳиш кашидааст. Диссертант дар диссертатсия комёб шудааст, ки сурати умумии мавзуи мавриди баҳсро дар автореферат бо ҳама вижагиҳо мавриди таҳлили ҳамаҷониба қарор диҳад.

Диссертатсияи анҷомшуда аз муқаддима, се боб, хулоса ва адабиёт иборат аст. Дар муқаддима перомуни мубрамии мавзуи таҳқиқ, дараҷаи таҳқиқи мавзуъ, мақсади таҳқиқ, вазифаҳои таҳқиқ, асосҳоии назарии таҳқиқ, сарчашмаҳои таҳқиқ навгонии илмии таҳқиқ ва ғайра ба гунаи бисёр дақиқ нигошта шудааст.

Автореферати диссертатсия бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ мазмуну мундариҷаи корро комилан бозгӯ карда, мақолаҳои таълифкардаи диссертант ба мазмуну моҳияти диссертатсия созгор аст.

Хулосаи мухтасари кори диссертатсия, ки бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ дар охири автореферати диссертатсия тибқи талаботи ҷории Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия карда шуда, моҳияти илмии диссертатсияи мазкурро, ки ба таври фишурда инъикос мекунад, оварда шудааст.

Дар баробари комёбиҳои зиёд дар диссертатсия баъзе камиҳо ё норасоиҳо низ ба мушоҳида мерасанд, ки муҳимтарини онҳо иборатанд аз:

1. ***Иқтибосоварӣ дар автореферати диссертатсия ба ду гуна аст: яке бо овардани адабиёт ва саҳифа ва дигар танҳо адабиёт ва бидуни нишон додани саҳифа;***
2. ***Дар автореферати диссертатсия галатҳои имлоӣ ва техникӣ ба мушоҳида мерасад, аз ҷумла дар саҳифаҳои 3, 5, 6, 9, 13, 17, 22.***

Новобаста ба камбудиҳои ҷузъӣ автореферат мазмуну муҳтавои асосии диссертатсияро бозгӯ карда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат мекунад ва унвонҷӯ Шодиева Фархунда Тоҷиддиновна барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.03 – Адабиёти кишварҳои хориҷии

Аврупо, Осиё, Африқо, сокинони бумии Амрико ва Австралия (адбиёти форсӣ) комилан сазовор мебошад.

**Муқарриз:**

доктори илмҳои филологӣ,
мудири кафедраи назария ва таърихи
адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Солеҳов Ш.А.
«03» майи соли 2025.

Суроға: 734064, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино,
кӯчаи Маяковский 52, ҳуҷраи 30
Тел.: (+992) 987-65-00-43
E-mail: soleh59@mail.ru

Имзои Ш.А. Солеҳовро тасдиқ мекунам:
сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Мустафозода А.

Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121.
Телефон: +992(37) 224-13-83; +992(37) 224-18-01.
E-mail: info@tgpu.tj; сомонаи расмӣ: www.tgpu.tj
«03» майи соли 2025.